Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (734003), ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146.

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссерататсияи номзадии Одиназода Амин Иброҳим дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02–«Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ».**

Тибқи дурнамо, то соли 2037-ум, аз ҷумла дар заминаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, ба «кишвари сабз» табдил додани Тоҷикистон ва тақвият бахшидани раванди таъмини амнияти озуқавории мамлакат, яке аз ҳадафҳои асосӣ муайян гардидааст.

Расидан ба чунин мақсади гузоштaшуда, ҳоло ва минбаъд низ бевосита аз рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ вобастагии зиёд дорад. Чунки дар дар ингуна шароит, яъне рушди муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, маҳз соҳибкорон имкон доранд, ки ба навовариҳои илму техника, истифодаи васеи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот, тағйирёбии вазъ ва талаботи бозор зуд мутобиқ шуда, дар ин асос, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири кишоварзиро таъмин намоянд. Бинобар ин, мавзуи интихобгардида бисёр муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ карда мешавад.

Муаллиф зимни таҳқиқоти худ, мафҳум ва моҳияти иқтисодии ибораи соҳибкориро бо дарназардошти фикру андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ гурӯҳбандӣ намуда (саҳ.9), дар ин замина, дар амал татбиқи онҳоро бо вуҷуди тафовут доштанашон, муҳим ва одилона хондааст.

Дар автореферат (саҳ.10) унвонҷӯй, хеле ба маврид хулосабарори гардидааст, ки барои ҳамаҷониба омӯхтани самараи фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ низоми аниқи нишондиҳандаҳое, зарур аст, ки самтҳои гуногуни фаъолияти истеҳсолиро инъикос намоянд. Вобаста ба ин масъала, муаллиф кӯшиш намудааст, ки баъзе нишондиҳандаҳоро дар ин самт таҳия ва пешниҳод намояд.

Унвонҷӯй, дар автореферат дар баробари дигар масълаҳо, аз ҷумла сатҳи боздеҳии истифодаи заминҳои киштро аз рӯйи шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, (ҷадв. 3., саҳ 16), инчунин динамикаи сатҳи даромаднокии шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории кишоварзиро (ҷадв. 5 саҳ. 18.) хеле моҳирона таҳлилу арзёбӣ намуда, ба хулосае омадааст, ки ҳоло ХДФ ҳамчун

соҳибкори инфиродӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ҳанӯз дар истифодаи оқилонаи замин ба натиҷаҳои назаррас ноил нагардидаанд. Ҳол он, ки қариб 82,3 фоизи заминҳои мазраъро дар ихтиёр доранд.

Ҳамзамон, муаллиф асоснок намудааст, ки алҳол фаъолияти аксар ХДФ, ки майдони хурди заминро дар ихтиёр доранд, ба ғайр аз кооперативҳои истеҳсолию тиҷоратӣ ва дигар шаклҳои ҳамгирой, ки исботи он дар мисоли баъзе хоҷагиҳои алоҳидаи ватанӣ асоснок карда шудааст, аз нуқтаи назари иқтисодӣ на танҳо самараноку рақобатпазир ва даромаднок, балки зараровар мебошанд (саҳ.19). Муаллиф хеле ба маврид ва дуруст, қайд менамояд, ки дар шароити кунунӣ, заррр аст, ки дар қиёс бо ХДФ-и хурд, аз бисёр ҷиҳат имкони таъмини самараноки фаъолиятро надоранд ба рушди чунин шаклҳои хоҷагидорӣ бояд таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

Диссертант дар ҷодаи таҳияи самтҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, самаранокии ташкили истеҳсолотро дар мисоли «агрокластери орд» (ҷад. 3.2.1.), «агрокластери гӯшт» (ҷад. 3.2.2.), «агрокластери гӯшти гӯсфанд» (саҳ. 155-156), «агрокластери панири парҳезӣ» (3.2.3.) хеле моҳирона асоснок намудааст.

Унвонҷӯй ҳамзамон, дар заминаи сохторҳои мавҷуда, модели ягонаи идоракунии давлатии дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзиро хеле ба маврид (расми 3.3.3., саҳ. 177-178) таҳия ва пешниҳод намудааст, ки қобили дастгирӣ аст.

Дар заминаи муодилаи бисёромила ошкор намудани вобастагии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии дар ХДФ истеҳсолгардида, аз инноватсия аз ҷанбаҳои дигари арзиши баланди илмӣ доштани автореферати тақризшаванда ба ҳисоб меравад (саҳ.20-21).

Сарфи назар аз бартариятҳои назарраси илмию амалӣ дар автореферати диссертатсия баъзе як қатор норасоиҳои хусусияти тавсиявӣ дошта ба назар мерасанд.

Арзиши илмии таҳқиқот боз ҳам баланд мегардид, агар аз ҷониби муаллиф сатҳи боздеҳии истифодаи заминҳои кишт, ки дар ҷадвали 3 оварда шудааст дар мисоли хоҷагиҳои алоҳидаи хурду миёнаи кишоварзӣ васетар таҳқиқ мегардид;

Дар маҷмуъ, эродҳои гирифташуда, хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмию амалии кори диссертатсиониро паст намекунад, зеро дар автореферати диссертатсия мақсад ва мазмуну муҳтавои асосии рисолаи илмӣ пурра инъикоси худро ёфтааст.

Таълифоти муаллиф далели арзишмандии натиҷаҳои таҳқиқот буда, шаҳодати он аст, ки диссертатсия чун кори илмии анҷомёфта дар заминаи

талаботи тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30.06.2021) таҳия гардидааст.

Ҳамин тавр, автореферати кори диссертатсионии Одиназода Амин Иброҳим дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02–«Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ» пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он созовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси болозикр мебошад.

**Муқарриз:** доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи молия ва қарзӣ
Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон Ашуров И.С.

Имзои д.и.и., профессор Ашуров И.С.–ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳои** Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.
28.08.2024

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30.
:(+992) 37 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru